АСОМУДДИН ВАФОЙ

# НАСИМИ ПАНҶ

Душанбе
2009

**Асомуддин Вафоӣ**.
**Насими Панҷ** (шеърҳо).
– Душанбе, 2009, 32 саҳ.

© Асомуддин Вафоӣ, 2009.

# ТОҶИКИСТОН

Тоҷикистон, давлати озоди ман,
Тоҷикистон, хонаи ободи ман.
Дӯст медорам туро чун модарам,
Хотири ҷамъию қалби шоди ман.

Ҳар ғами ту чун ғами худ хӯрданам,
Шӯҳрататро гирди дунё бурданам,
Дар вафову аҳд ҷон биспурданам –
Монда мерос аст аз аҷдоди ман.

Дар дилам меҳри туро мепарварам,
Ёди некат ҳар куҷо бо худ барам.
Аз худам бигзашта, аз ту нагзарам,
Эй асосу мояи бунёди ман.

## ЭЙ ДИЛ

Зи марги бемаҳал метарсам, эй дил,
Зи ҷони ҳар касал метарсам, эй дил.

Зи номардии мардони замона,
Зи заҳри чун асал метарсам, эй дил.

Агар миллат бувад саргашта аз ҳам,
Зи бозии маҳал метарсам, эй дил.

Фараҳ ёбам агар аз ростиҳо,
Зи найрангу ҳиял метарсам, эй дил.

Сарам чун хонаи замбӯр гаштаст,
Зи гулбонгу мағал метарсам, эй дил.

Вафоӣ, нармгӯӣ пешаи мост,
Зи гуфтори дағал метарсам, эй дил.

Аз азал эҷод кардан шеър ин доди Худост,
Ҳар ки ин доди Худо инкор созад, носазост.

Аз Вафоӣ бевафоӣ нест дар ҳар ду ҷаҳон,
Ошнои бевафо будан ба ҳар кас норавост.

Кина парвардан ба дилҳо аз ҳама бад
бадтар аст,
Ҳар касе пуркина бошад, умр ӯро бебақост.

Нуктае хуш гуфтаанду мекунам такрори он:
Халқ чун ҳамфикру ҳамдил гашт,
душман зери пост.

Дареғи ҷони пурдардам,
Ки дигар нестам бардам.
Бигардидаст қомат хам,
Ду дида гашта бас пурнам.

Ҷавонӣ рафт мисли бод,
Намебошад дигар дил шод.
Ки ҷонам мӯ ба мӯ сӯзад,
Набошад мулки тан обод.

Вале ғамгин наям асло,
Ки бигзаштаст ин дунё.
Зибас ҳаргиз дилеро ман
Наранҷонидаам ноҷо.

# ПАНҶ

Шохоби рӯди Панҷи ман,
Шохобаки пурганҷи ман.

Шӯхӣ макун бо одамон,
Эй, дар хатар нагзор ҷон!

Сарсону саргардон макун,
Ободро вайрон макун.

Пири ту мебошад далер,
Зан наърае монанди шер.

Пас гашта бар соҳил бирав,
Аз ранҷиши ҳар дил бирав.

Бар зӯрият мо қоилем,
Умрест, ки мо ҳамдилем.

Шохобаки пурганҷи ман,
Ором бош, эй Панҷи ман!

# ОБ

Сӯҳбате дорам, бародар, гӯш кун аз боби об,
Гар набошад оби тоза, халқ бошад дар азоб.
Хонаҳо пурнуру равшан бо туфайли об ҳаст,
Хонаҳои мо яқин, бе об мегардад хароб.

Об бошад мӯҷиби ободии ҳар як Ватан,
Об мебахшад фақат рӯҳу сафо бар ҷону тан.
Об агар ноёб бошад, сад чаман гардад хазон,
Об бошад чашмаи сарсабзии боғу чаман.

Обро гӯянд худ сарчашмаи ҷӯши ҳаёт,
Одамӣ рӯи замин бе об меёбад мамот.
То бувад сарсабз моро ин Ватан, ин ҷону тан,
Обро бояд, ки доим мо намоем эҳтиёт!

# ВАТАН

Эй Ватан, хизмат туро ман
аз дилу ҷон мекунам,
Ҷонамозе хоки покатро зи имон мекунам.
Мепарастам хоку сангу гарди роҳатро
ба ҷон,
Оби покатро чу малҳам баҳри
дармон мекунам.

Эй биҳишти рӯи дунё, давлатат поянда бод,
Ҷашни истиқлол дорӣ, ҷашни ту
фархунда бод.
Эй Худо, дигар набинӣ ҳеҷ гоҳе рӯи ҷанг,
Офтоби Сулҳ дар ҳар гӯшаат
рахшанда бод!

Ёри дерина, чаро боре намегирӣ хабар,
Ё ки пинҳонӣ ба худ дорӣ ягон ёри дигар?!

Дар вафо монандаи кӯҳ устувор истодаем,
Ёбӣ оё мисли ман ёри вафодори дигар?!

Аз ғамат чун шамъ месӯзам шабон
то субҳгоҳ,
Мисли ман меёбӣ оё ҳеҷ ғамхори дигар?!

Дар ҳама ҳолат ба ҷонам мехарам
ҳар нози ту,
Нест дар рӯи ҷаҳон чун ман харидоре дигар.

Бар Вафоӣ чанд месозӣ ҷафо, эй бевафо,
Бар суроғам ҳеҷ меоӣ ягон бори дигар?!

## ДУБАЙТИҲО

Харидорат манам, эй ёри дилбанд,
Бигӯ нарху навоятро, бувад чанд.
Ба ҳар нархе, ки гӯӣ, розиям ман,
Фақат ҷони низорамро макун фанд.

ꕥ❀ꕥ

Гаҳе ки ёр бошад рӯ ба рӯям,
Гаҳе ки бингарад бо ноз сӯям.
Намегунҷад ба сина дил зи шавқаш,
Намедонам, ки аз шодӣ чӣ гӯям.

ꕥ❀ꕥ

Арӯси сол-ин фасли баҳор аст,
Гули хушбӯ гули санҷиду хор аст.
Тамоми сол зебо чун баҳор аст,
Агар паҳлӯи ман зебо нигор аст.

Ало духтар, ба ту ман шиква дорам,
Зи ишқат хору зору беқарорам.
Чаро боре напурсӣ ҳоли моро?
Хазонам бе рухи ту, навбаҳорам.

Хиромон меравӣ, эй кабкаки маст,
Чӣ сонат гӯй, мо орем бар даст?!
Худоро, ҷониби мо як нигоҳе,
Нагардад то сари мо ин қадар паст.

Туро танҳо бихоҳам, нозанинам,
Миёни духтарон зебо нигинам.
Манам ошиқ ба рухсори чу моҳат,
Гули бахти манӣ, эй дилнишинам.

Ба як дидан шудам ошиқ ба рӯят,
Ба лаҳни дилкашу лафзи накӯят.
Бикун бовар, ки ман аз дил бигӯям,
Ки умре будаам дар ҷустуҷӯят.

Парастам ман туро зебо диёрам,
Тамоми фаслҳо чун навбаҳорам.
Зи ту зебо маконеро надидам,
Тамоми умр бо ту фахр дорам.

Чаманро бе гули рӯят нахоҳам,
Шамидан ҳеҷ бе бӯят нахоҳам.
Бароям рӯз бошад тор бе ту,
Ҷаҳонро бе хами мӯят нахоҳам.

Худо, ёри азизамро нигаҳ дор,
Зи чашми бад варо доим панаҳ дор.
Сияҳ рӯзам бигардад бе рухи ӯ,
Маро эмин ту аз рӯзи сияҳ дор.

Мадеҳ аз даст асло, дӯст, ҳиммат,
Ба қадри ҳол кун хайру саховат.
Тавонӣ, даст гир афтодаеро,
Ба рӯят то шавад бикшода ҷаннат.

Агар хӯрдӣ зи хоне бурдае нон,
Бидон, эй ошно, қадри намкдон.
Ҳамеша поси хотирро нигаҳ дор,
Нагардӣ то ба умри худ пушаймон.

ꕥ

Намехоҳам ҷудо бошад нигинам,
Гули бахту баҳори нозанинам.
Худоё, эй Худо, тухми ҷудоӣ
Насабзад ҳеҷ гоҳе дар заминам.

ꕥ

Зи шавқи рӯят ояд қалб дар ҷӯш,
Ҳамехоҳам туро гирам дар оғӯш.
Агар дар сар бувад андак туро ҳуш,
Муҳаббатро набояд кард хомӯш.

ꕥ

Ба дил гуфтам: маро ӯ ёр бошад,
Бароям мӯнису ғамхор бошад.
Даме дар сӯҳбати пур аз муҳаббат
Таги гелосаки пурбор бошад.

ꕥ

Бикун раҳмеву бар мо як назар кун,
Зи ғайбатҳои бадгӯён ҳазар кун.
Бидон, ки ошиқат ҳастам сарапо,
Биё, аз кӯчаи ошиқ гузар кун.

ꕥ

Таманно мекунам, ки шод бошед,
Ҳама дам хурраму ободбошед.
Нашояд кинае дар умри фонӣ,
Зи кина доимо озод бошед.

ꕥ

Ту гуфтӣ, ки фақат ёри ту мешам,
Аниси нозбардори ту мешам.
Куҷо шуд ваъдаҳои дилфиребат,
Гузаштӣ бо дигар ёре зи пешам?!

Чаро ранҷур ҳастӣ, нозанинам,
Миёни духтарон зебо нигинам.
Ягон ҳарфи баде ку ман нагуфтам,
Чаро дурӣ зи ман ёри қаринам?!

Баҳор омад, биё эй дилнишинам,
Биё то аз рухат гулҳо бичинам.
Миёни тозагулҳои баҳорӣ
Гули рӯи ту бошад нозанинам.

Худоҷон, доимо бошад амонӣ,
Дилам ҷӯшад зи шавқи зиндагонӣ.
Амонӣ бошаду ҷовид ваҳдат,
Табассум дар лабону комронӣ.

Зи пешам бигзарӣ, гул, бо табассум,
Дилам аз шавқи рӯят мезанад гум.
Маро умре ту бошӣ раҳнамоям,
Манам дар зиндагонӣ бе ту раҳгум.

Нигаҳ дорад, Худоё, ҳамсарамро,
Гули бехору хушбӯи барамро.
Сафар бар охират гар лозимояд,
Ба ҷон ман пеш бигзорам сарамро.

Душанбе, ҷаннати рӯи заминӣ,
Гули бехору хушбӯи заминӣ.
Худо, сарсабз монӣ ҷовидона,
Аҷаб шаҳри базебу дилнишинӣ.

Худовандо ато бинмуд ваҳдат,
Душанбе гашт зебо ҳамчу ҷаннат.
Набинад кош рӯи ҷанг дигар,
Паёпай мардумаш бинанд роҳат.

Чаканпӯшам ҳамеояд ба ҷавлон
Хиромону базебу чеҳрахандон.
Дили ошуфтаи моро бубинед,
Бубахшад шавқ бо зулфи парешон.

Диёри ман, ки Файзобод бошад,
Зи файзаш хони ман обод бошад.
Чу биншинам лаби рӯди Сиёҳоб,
Ҳамеша хотири ман шод бошад.

Худовандо, маро абре бигардон,
Ки резам бар сари ёрам чу борон.
Шавад то зулфҳои ӯ парешон,
Ба мисли чашмаҳои кӯҳсорон.

Душанбе, шаҳри сулҳи пойдорӣ,
Ба зебоӣ чу гулҳои баҳорӣ.
Ба ҳар ҷо нек ёдатро биёрем,
Барои мо ту шаҳри ифтихорӣ.

Душанбе, зиннати рӯи заминӣ,
Миёни шаҳрҳо зебо нигинӣ.
Набинӣ рӯи доғеро дигар ту,
Аҷаб зебову дилкаш сарзаминӣ.

Худовандо, дилам ранҷур кардӣ,
Зи хешу ақрабоям дур кардӣ.
Сафар дорам ба мулки Рус нохуш,
Чаро ин сон маро маҳҷур кардӣ?!

Сутуни хонадонам модарам буд,
Ба тан зӯру тавонам модарам буд.
Шудам афсурда баъд аз рафтани ӯ,
Ҷавонии ҷаҳонам модарам буд.

Гули садбарг хандон ноз дорад,
Зи ишқу ошиқиҳо роз дорад.
Биё, ҳар ду ба сайри боғ оем,
Ки ишқи мову ту оғоз дорад.

# РУБОИҲО

Аз хона баромадаст ӯ чилвакунон,
Қаддаш чу алиф, даври гулӯяш марҷон.
Гуфтам, ки биё, сайри ҷаҳон ҳар ду равем,
Гуфто, ки бикун ҳазар ту аз чашми бадон.

ꕥ

Эй духтараке, обу адои ту шудам,
Шоҳе будаму гадо барои ту шудам.
Гап монад агар миёнаи ҳар дуи мо,
Ошиқ ба ду чашмони сиёи ту шудам.

ꕥ

Аз деҳаи Ёл бингарам Порвора,
Он духтари қадбаланди мӯҳрадора.
Гуфтам, ки ба ӯ рози дилам бикшоям,
Кофар дилакам майли дугонаш дора.

Аз Достӣ орзуи ғиччак дорам,
Аз апаи Гулчеҳра «фалак» мефорам.
Гулчеҳра-апа «фалак» бизан, гӯш кунем,
Ғамҳои замонаро фаромӯш кунем.

Аз пешаки хонаат гаҳе мегузарам,
Аз ҳасрати пур сӯхта гардад ҷигарам.
Дуздида ба сӯят назаре дӯзам агар,
Ғамҳои дилам фитанд дар пушти сарам.

Хоҳам, ки чу ёри бехтаринат бинам,
Дар панҷаи ишқ чун нигинат бинам.
Дорам ҳавасе (қасам ба «Қуръон»-и шариф) -
Ой ба барам, туро қаринат бинам.

Як лутфи туро ба ганҷи дунё надиҳам,
Меҳри гармат ба мулки Доро надиҳам.
Эй модари ҷон, пиёлаи чойи туро
Бар симу зару гавҳари дунё надиҳам.

Бо майл зи пуштаҳо гузар мекардам,
Ними дараро аҷаб назар мекардам.
Як лаҳзаяке нишаста андар сари санг,
Шукри Ватани ҷону ҷигар мекардам.

Дил мехоҳад, ки сайр созам Ватанам,
Себаргаю лолазору дашту даманам.
Эй абри сиёҳ, бирез борони баҳор,
«Гулпӯш шавад замини боғу чаманам».

Биншаста будам, ки ёди модар омад,
Модар, ки буди ба ҷон баробар, омад.
Гуфтам, ки ба ёди ӯ нависам шеъре,
Ашки қаламам ба рӯи дафтар омад.

Ман рӯи туро дидаву мафтун шудаам,
Дар ёди ту афтода ҷигархун шудаам.
Дар ишқи ту, эй дилбари дурафтода,
Саргаштаву овора чу Маҷнун шудаам.

Дилро набувад бе рухи дилдор қарор,
Бе ӯ ба назар тамоми гулҳо шуда хор.
Эй ёраки ҷон, сафар муборак бошад,
Кист он, ки биёрад хабар аз ҷониби ёр?!

Оина ба даст, ёр, мӯ шона кунӣ,
Ин ошиқи зори хеш девона кунӣ.
Девона кунӣ, дар ишқ овора кунӣ,
Бо қираи чашм ишораи хона кунӣ.

Дастам, ки ба дасти ёр бозӣ мекард,
Дар сина дилам чӣ сарфарозӣ мекард.
Аз бахти баланд ёр бо лутфи сара
Ин лаҳза маро чӣ дилнавозӣ мекард.

Афсӯс, ҷавонӣ рафту омад пирӣ,
Бар қомати чун алиф бизад он тире.
Гардид хамида қомат аз бори гарон,
Бар дарду ғамам куҷо дигар тадбире?!

Ман садқаи мӯҳои сафеди модар,
Ҳар ҷо, ки равам, дил ба умеди модар.
Раҳдур манам, дар сафари дур манам,
Бар гӯш ояд кош навиди модар.

Овози найу дуторро садқа шавам,
Гулҳои хуши баҳорро садқа шавам.
Эй абри баҳор, ҳар қадар майда бибор,
Себаргаи дасти ёрро садқа шавам.

Савганд ба номат, эй Ватан, эй Ватанам,
То ҷон бувад андар баданам, дар баданам.
Бо ҷону дилам ба хизматат омода,
Эй оғуши зебои ту боғу чаманам.

Эй ёри азиз, бевафоӣ накунӣ,
Раҳме бикуну зи мо ҷудоӣ накунӣ.
Бар ҷабру ситам дилам надорад тоқат,
Зинҳор ба дил ҷабру ҷафое накунӣ.

Афсӯс, ҷавонӣ рафту пазмон шудаам,
Қомат шуда хам, ду даст ларзон шудаам.
Дар даст асо, ду чашм пурнам зи алам,
Дар бистари кунҷи хона нолон шудаам.

Дорам ҳавасе то ту шавӣ ҳамсари ман,
Ман дар бари ту бошаму ту дар бари ман.
Бар сар бубарем умри дурӯза ба ҳам,
Ман дилбари ту бошаму ту дилбари ман.

Бигрист гаҳе чу абри гирён модар,
Хандид чу гулҳои баҳорон модар.
Аз шодиву аз ғами ҷигарбанд мудом
Дорӣ ту аҷаб ҳоли парешон, модар.

Зулфи сияҳи ёр парешон бошад,
Дар гардани ёр ақиқу марҷон бошад.
Рухсораи зебош бувад чун рухи моҳ,
Донӣ, ки маро ёр дилу ҷон бошад?!

Аз модари хеш ман чи дур афтодам,
Дар ғурбатаму чи беҳузур афтодам.
Не ҳурмату не иззату не хонаи хоб,
Биллаҳ ба худо, зинда ба гӯр афтодам.

Булбул ба гул аст ошиқу парвона ба шамъ,
Бе ёр на ҳуш дораму не хотири ҷамъ.
Зинҳор, ки лаззате надорад дунё,
Кайҳост, ки гум карда манам лаззату тамъ.

## МУНДАРИҶА

Тоҷикистон ........................................................ 3

Эй дил ............................................................ 4

Аз азал эҷод кардан шеър ин доди Худост ...5

Дареғи ҷони пурдардам .......................... 6

Панҷ .................................................................. 7

Об ........................................................................ 8

Ватан .................................................................. 9

Ёри дерина, ҷаро боре намегирӣ хабар ..10

Дубайтиҳо ......................................................11

Рубоиҳо ...........................................................22

АСОМУДДИН ВАФОӢ

# НАСИМИ ПАНҶ

*( Шеърҳо)*

Ба матбаа 27.04.2009 таҳвил гардид.
Чопаш 29.04.2009 ба имзо расид.
Андозаи 60x84 1/16. Коғаз ва чопи офсет.
Ҳуруфи адабӣ. Ҷузъи чопӣ 2.0.
Адади нашр 200 нусха.